***ТДУ 327***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-106-110***

***НАҚШИ ОИЛА ВА МАКТАБ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ***

***Нематов Парвиз Сатторович**, н.и.п., дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***РОЛЬ СЕМЬИ И ШКОЛЫ В НРАВСТВЕННОМ ВОСПИТАНИИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ***

***Нематов Парвиз Сатторович,** к.п.н., доцент кафедры социальной (общественной) и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***THE ROLE OF FAMILY AND SCHOOL IN THE MORAL EDUCATION OF PRIMARY SCHOOL CHILDREN***

***Nematov Parviz Sattorovich,** Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Social (Public) and Professional Pedagogy, SEI «KhSU named after acad.B. Gafurov» (Tajikistan, Khujand)*

***Калидвожаҳо**: раванди тарбия, ҳамкорӣ, фаъолияти омӯзгор, донишҳои педагогӣ, мактаби падару модарон, роҳбари синф, коллективи хонандагон.*

*Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами раванди тадрис–ҳамкории мактабу волидайн ва аҳли ҷомеа дар кори ба роҳ мондани тарбияи насли наврас бахшида шудааст. Муаллифи мақола ба роҳ мондани фаъолияти падару модарон аз ҷиҳати педагогӣ, омода сохтани онҳоро ба кори тарбияи насли наврас мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар заминаи такя ба таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки маводи назариявӣ барои мактаби волидайн ба синну соли хонандагон мувофиқ гардонида шуда, механизмҳои ҷалби онҳо ба кори тарбияи кӯдакон мукаммал гардонида шаванд.*

***Ключевые слова:** вопитателный процесс, сотрудничество, деятельность учителя, педагогические знания, школа родителей, классный руководитель, коллектив учащихся.*

*Статья посвящена одному из важных вопросов воспитательного процесса – сотрудничеству школы, родителей и представителей общества в работе по воспитанию подрастающего поколения. В статье рассматривается деятельность школы родителей, подготовка их к работе по воспитанию подрастающего поколения. Опираясь на опыт образовательных учреждений, автор предлагает адаптировать лекционные материалы для школ родителей к возрасту учащихся, а также совершенствовать механизмы их вовлечения в работу по воспитанию детей.*

***Key words:** educational process, cooperation, teacher's activity, pedagogical knowledge, parents' school, class teacher, group of students.*

*The article is devoted to one of the important issues of the educational process - the cooperation of the school, parents and representatives of society in the work of educating the younger generation. The article deals with the activities of the school of parents, preparing them for the work of educating the younger generation. Based on the experience of educational institutions, the author proposes to adapt lecture materials for parents' schools to the age of students, as well as to improve the mechanisms for their involvement in the upbringing of children.*

Яке аз муаммоҳои тамоми давру замон ин тарбияи фарзанд ба шумор меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки падару модарон ёрдамчиёни фаъоли муаллимони синфҳои ибтидоӣ мебошанд. Онҳо доимо ба мактаб мераванд, кӯшиш мекунанд, ки ба омӯзгор кумак расонанд. Ба муаллим шиносонидани бачагон бо меҳнати калонсолон бе ёрии падару модарон душвор аст. Онҳо дар ин кор ивазнашавнда мебошанд, бинобар он, ба муаллим лозим меояд, ки ҳамкории падару модаронро бо хонандагон ба роҳ монад.

Пеш аз ба падару модарон додани ин ё он супориш муаллим дастур медиҳад, ки ба ин ё он фаъолияти кӯдакон чӣ тавр роҳбарӣ кунанд, чӣ гуна муомила намоянд, то ки санҷиш гузаронидамешуда натиҷаи хуби тарбиявӣ диҳад. Зимни корбарӣ бо бачагон волидайн донишҳои гуногуни педагогӣ ҳосил карда, барои пешбинии талаботҳои «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» саҳмгузор мегарданд ва барои ба воя расонидании хонандагон ёрдамчиёни содиқи омӯзгор мегарданд.

Дар ибтидои фаъолият барои рушди донишҳои педагогии падару модарон мавқеи асосиро муаллим мебозад. Вай бо онҳо суҳбат ва машваратҳо мегузаронад. Роҳбари синф бо падару модарони хонандагони синфи якум чунин суҳбатҳоро гузарониданаш мумкин аст:

- фарзандони Шумо - хонандагонанд;

- ба бачагон чӣ тавр бояд ёрӣ расонд, то ки хуб хонанд?
- риояи реҷаи рӯзи бачагон;
- интизом чист ва онро чӣ тавр бояд тарбия кард;
- доир ба ташаккули маҳорати китобхонии бачагон ва ғ…

Маҷлиси падару модарон (синфӣ ва умумимактабӣ) шакли муҳмми кори якҷояи оила ва мактаб мебошад. Маҷлисҳои умумимактабӣ соле се ё чор маротиба оид ба масъалаҳои муҳмми ҳаёти мактаб гузаронида мешавад. Ҷаласаҳои синфии падару модарон дар ҳар як чоряк як ё ду маротиба даъват карда мешавад.

Омӯзгор одатан дар маҷлиси синфӣ ду масъаларо мавриди таҳлил қарор медиҳад:

-шинос намудани падару модарон бо раванди таълиму тарбия.

Зимни ҷамъбаст намудани раванди азхудкунӣ, пешрафт ва рафтори мактаббачагон роҳбари синф кӯшиш мекунад, ки ба синф характеристикаи объективӣ диҳад. Дар баробари хонандагони пешқадамро номбар кардану чун намунаи ибрати шахсӣ нишон додан, ӯ ба падару модарони хонандагони сустхон ва нисбатан душвортарбия низ бо боварӣ изҳор менамояд, ки агар онҳо ба кори тарбияи бачагон дар якҷоягӣ ва машварати байниҳамдигарӣ машғул шаванд, вазъиятро зуд ислоҳ карда метавонанд. Ба падару модарон на танҳо камбудиҳо, балки тарафҳои пурқуввату мусбии шахсияти фарзандонашонро равшан кардан зарур аст. Дар ин замина барномаи амалиёти якҷоя тартиб дода мешавад.

Ташаккул додани донишҳои педагогии падару модарон қисми муҳим ва мураккаби фаъолияти муаллим мебошад. Педагогикаи оиларо ба яке аз сарчашмаҳои системаи кори тарбия табдил додан, таҳияи маҷмуи маводҳои назариявӣ, ташкили суҳбатҳо байни падару модарон ва шинос намудани онҳо бо вазифаҳои таълимию тарбиявие, ки ҳангоми аз синф ба синф гузаштани бачагон дар назди мактаб меистад, яке аз омилҳои рушди он мебошад. Муаллим дар мавриди ба ҳаёти бачагон ҷорӣ намудани тартиботи рӯз кори бисёреро анҷом медиҳад. Падару модаронро дар раванди дарсҳо бо худи тартибот (режим) ва ба он ки дар хона чӣ тавр бояд муваффақ шуд, шиносонидан зарур аст. Назди мактаби муосир вазифаи дар бачагон ҳосил намудани малака ва одатҳои рафтори маданӣ меистад, ки барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ шарти ногузир аст. Дар иҷрои ин вазифаи муҳим низ нақши волидайн ва ҷомеа бузург аст.

Ба падару модарон фиристодани даъватнома, ё худ дар рӯзномаҳо навиштан, ҷалб намудани аъзоёни фаъоли падару модарон, интихоби вақти мувофиқ барои ҳама аз шартҳои асосӣ ва гарави муваффақона ташкил намудани маҷлиси падару модарон маҳсуб меёбад.

Суҳбатҳои фардӣ – воситаи муҳим ва самарабахши равнақи донишҳои педагогии падару модарон мебошад, ки дар вақти гузаронидани онҳо муаллим метавонад вазифаҳои тарбиявии падару модаронро равшан ва аниқ кунад, камбудиҳоро муайян намояд, роҳҳои самарабахши ба хонанда таъсиррасониро ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои ӯ ва шароити зиндагонии оила пешакӣ муайян кунад.

Дар суҳбатҳои фардӣ бо падару модарон ба муаллим муҳим аст, ки ҳавасмандии худро бо он ки бачагон дарсҳоро аз худ намоянд, хуб тарбия гиранд ва ҳамчун шахсони ҳақиқӣ ба воя расанд, нишон диҳад.

Гап дар сари он аст, ки баъзан падару модарон ба дастрасии маслиҳатҳои омӯзгорон нигоҳ накарда, ҳатто ба қисме аз он маслиҳатҳо барои иҷро карда тавонистанашон, шубҳа мекунанд. Аммо вақте ки худи падару модарон дар бораи таҷрибаи кори тарбиявии худ нақл мекунанд, ин таъсири ниҳоят боварибахш мерасонад.

Зимни ташкили машғулиятҳо, бо мақсади тақвияти донишҳои педагогии падару модарон синну соли бачагон ба ҳисоб гирифта мешавад. Маҷмуи лексияҳо, маърузаҳо, конфронсҳо барои падару модарони бачагони синни хурди мактабӣ алоҳида коркард карда мешавад. Ин барои дар назди падару модарон гузоштани як қатор масъалаҳое, ки барои тарбияи бачагони ин ё он синну сол хосанд, имконият медиҳад.

Имрӯз масъалаи равнақи донишҳои сиёсии волидайн мавқеи махсус касб кардааст. Ба сифати маводи асосӣ муаллим мақолаҳою маҷаллаҳоро оид ба тарбия истифода менамояд.

Бо падару модарон на танҳо дар мактаб, балки дар ҷойи зист ва дар корхонаву ташкилотҳо ҳам корбарӣ карда мешавад. Мактабҳо бо якҷоягии ташкилотҳои иттифоқи касабаи корхонаҳо, маслиҳатгоҳҳои мададгори оила ва мактаб суҳбатҳо ташкил мекунанд.

Муваффақияти машғулиятҳо, масалан, дар донишгоҳҳои падару модарон аз бисёр ҷиҳат ба муносибати тафриқавии гурӯҳҳои гуногуни шунавандагон вобаста мебошад. «Дар ҳар як

машғулият зарур аст, ки тарбия дар оила, инчунин муҳити иҷтимоӣ, дараҷаи маданияти муаллим таҳлил карда шавад» [3, с.17] .

Бо мақсади таъмини ягонагии назария ва амалия бояд сохти машғулият, ахбороти назариявӣ ва алоқаманд сохтан бо тарбияи оилавӣ тавъам карда шаванд. Ҳар як мавзуъ аз лексия, суҳбати мустақилона ё машғулияти амалӣ иборат аст.

Дар ташаккули насли наврас баробари корҳои таълимӣ, инчунин корҳои тарбиявӣ нақши муҳим мебозад, ки онҳо аз рӯйи қоида ба зиммаи роҳбари синф гузошта шудааст.

Роҳбари синф дӯсти наздики талаба, ҳамдам ва ҳамнафаси ӯ мебошад. Муаллим шахсест, ки ҳар рӯз бо талабагон вохӯрда, ба онҳо донишҳои нав дода, онҳоро аз таъсиротҳои бегона муҳофизат карда, барои иҷрои супоришҳои нав сафарбар мекунад ва ба инкишофи ҳаматарафаи хонандагон таъсири амиқ мебахшад. Корҳои тарбиявии синфро роҳбари синф мебарад.

Роҳбари синф вазифадор аст, ки хонандагонро дар коллективи тифоқ ва қобили меҳнат муттаҳид намуда, дар онҳо фаъолият ва мустақилиятро инкишоф диҳад, ба тартибу интизом ва пешрафти хонандагон назорат барад, меҳнати онҳоро оқилона ташкил намуда, бо муаллимон ва падару модарон алоқаи ногусастанӣ барпо намояд.

Дар синфҳои ибтидоӣ (1-4) ин вазифаҳоро бар дӯши муаллим мегузоранд, яъне омӯзгори фаннӣ дар як вақт вазифаи роҳбари синфро ба ҷо меоранд. Аз синфи панҷум оғоз карда, муаллимони пуртаҷриба роҳбари синф таъин карда мешаванд. Як нафар муаллим фақат дар як синф роҳбар таъин карда мешавад, ки дар он ҷо одатан якчанд сол, беҳтараш то мактабро тамом кардани хонандагон фаъолият мебарад.

Вазифаи асосии роҳбари синф тарбия кардани хонандагон мебошад. Албатта, диққати ӯро масъалаҳои кори таълим низ ба худ ҷалб мекунанд, вале дар ҳалли ин муаммоҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун мураббӣ рафтор мекунад. Вай дар кори баланд бардоштани сифати таълим асосан бо воситаи тарбия низ мадад мерасонад:

- ✓ тарбияи меҳнатии хонандагон;
- ✓ тарбия намудани муносибатҳои масъулиятнокӣ ба меҳнати таълимӣ;
- ✓ ташкил намудани ёрии байниҳамдигарӣ дар таълим;
- ✓ ба реҷаи мактабӣ риоя кардан ва ғайраҳо.

Вазифаҳои тарбиявии роҳбари синф васеъ ва гуногунранг мебошад. Вай ба тамоми ҳаёти синф роҳбарӣ намуда, фаъолияти меҳнатӣ ва таълимии коллективи синфро ба роҳ мемонад, ба ташаккули маънавии шахсияти ҳар як хонанда мадад мерасонад. Ӯ масъалаҳои мураккаб ва гуногуншакли тарбиявиро танҳо худаш ҳал намекунад. Баъзе роҳбарони мактаб кӯшиш мекунанд, ки дар асnoи таълиму тарбия тамоми ҷавобгариро пурра ба зиммаи роҳбари синф гузоранд. Чӣ воқеае, ки дар синф рӯй надиҳад, онҳо мепурсанд:

- ➢ -роҳбари синфат дар куҷо буд?
- ➢ -вай чӣ кор мекунад?

Баъзе муаллимони фанҳои ҷудогона инчунин кӯшиш мекунанд, ки барои рафтори бад ва пешрафти сусти хонандагон тамоми гуноҳро ба зиммаи роҳбари синф гузоранд.

-Азизови Шумо, дар дарс боз ба ман халал расонид! Марҳамат карда, ба вай чора бинед – мегӯяд муаллими расм (дар синф) ба роҳбари синф муроҷиат карда.

-Турсунова ҳам имрӯз дарсро тайёр накардааст, бо вай гуфтугӯ кунед, чора ҷӯед, то ки вазифаи хонагиро иҷро кунад – илова мекунад муаллими математика…

Чунин даъвоҳоро нисбати роҳбари синф дар маҷлисҳои Шурои педагогии мактаб ва дигар ҷамъомадҳо низ шунидан мумкин аст. Ин хел фаҳмидани вазифаи роҳбари синф нодуруст аст. Роҳбари синф вазифаи тамоми муаллимони фанниро иҷро карда наметавонад. Масъулияти ӯ барои вазъияти таълиму тарбия бешубҳа калон аст. Лекин аз зиммаи муаллим ин масъулиятро гирифтан нодуруст аст. Ҳар як муаллим барои сифати таълим ва вазъияти интизоми синфи худ ҷавобгар мебошад. Агар ягон талаба дарсашро иҷро накунад, ё ки дар вақти машғулияти таълимӣ тартибро вайрон кунад, муаллим бетараф монда наметавонад. Вай водор аст, ки ба мудохилаи роҳбари синф интизор нашуда, нисбати хонандагони беинтизому беparво чора ҷӯяд ва усулу шаклҳои гуногуни таъсиррасонии педагогиро ба кор барад.

Роҳбари синф бе ёрии муаллимон дар синфи худ масъалаҳои кори тарбиявиро бомуваффақият ба роҳ монда наметавонад. Вай аъзои коллективи педагогӣ мебошад ва бо дигар муаллимон зич алоқа карда, кори тарбиявӣ мегузаронад.

Аммо кӯшишҳои зиёди тарбиявии тамоми муаллимони мактабро роҳбари синф муттаҳид мекунад. Вай бо муаллимон оид ба талабаҳои ягона нисбат ба хонандагон маслиҳат карда, кӯшиш мекунад, ки мувофиқати тарбияи оилавӣ ва мактабро таъмин менамояд.

Мақсади асосии фаъолияти тарбиявии роҳбари синф ба ҳаёт, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ тайёр кардани талабагон мебошад. Дар айни ҳол мактаб бояд шахсони дар оянда меҳнатдӯстеро тарбия кунад, то ки ба сифатҳои баланди руҳӣ ва маънавӣ, хулқу одоби барои аъзоёни ҷамъият зарур соҳиб бошад. Инро ҳамеша дар вақти муайян кардани масъалаҳои таълим, дар вақти кушодани мазмуни тарбияи мактабӣ дар хотир нигоҳ доштан зарур аст.

Вазифаҳои асосии кори роҳбари синф инҳоянд:

- ✓ дар руҳияи ҷамъиятӣ тарбия кардани хонандагон, дар онҳо ҳосил кардани малакаю одоби рафтори ҷамъиятӣ;
- ✓ тарбияи сиёсӣ-ҷамъиятии хонандагон;
- ✓ тарбияи меҳнатии хонандагон ва васеъ намудани савияи политехникии онҳо;
- ✓ баланд бардоштани сифати дониши хонандагон ва васеъ намудани савияи мадании онҳо;
- ✓ ба инкишофи ҷисмонии хонандагон мадад расонида, ба намудҳои гуногуни варзишӣ ҷалбкардани онҳо;
- ✓ инкишофи табъи зебопарастии хонандагон ва ба санъат ҷалб кардани онҳо.

Чунинанд вазифаҳои асосии корҳои тарбиявии роҳбари синф. Роҳбари синф дар фаъолияти ҳаррӯзаи тарбиявии худ вазифадор аст, ки масъалаҳои асосии тарбияи насли наврасро ҳал кунад.

Фаъолияти тарбиявии роҳбари синф дар мавриде ба мақсад мувофиқ мебошад, ки агар он ба як системаи муайян гузаронида шавад. Ҳар як чорабинии минбаъдаи тарбиявӣ ин давоми чорабинии гузашта ва тайёрӣ ба давраи нави нисбатан пурзӯри тарбиявии хонандагон дар мактаб мебошад.

Дар кори тарбия набудани тартиби муайян ба номуташаккилӣ ва номунтазамӣ, ба гузаронидани чорабиниҳои ҷудогонаи тасодуфии байни худ беалоқа, ба нодуруст интихоб намудани мазмун, шакл ва методҳои кори тарбиявӣ оварда мерасонад. Роҳбари синфе, ки эҷодкорона корбарӣ менамояд, кӯшиш мекунад, ки дар тарбияи хонандагон тартиби муайяне ҷорӣ намоянд. Онҳо дар давраҳои гуногуни ҳаёт ва кори синфи худ вазифаҳои асосии тарбияро ба вуҷуд оварда, гузаронидани чорабиниҳои тарбиявии бо ҳам алоқамандро таъмин мекунад.

Баъди бомуваффқият иҷро кардани вазифаҳои навбатӣ онҳо дар асоси ба ҳисоб гирифтани натиҷаҳои бадастовардашуда, ба кори дар амал ҷорӣ намудани онҳо вазифаҳои ояндаро мегузаранд.

Тартиби кори тарбиявии роҳбари синф бояд ҳамаи таъсироти ӯро ба коллективи талабагон ва хонандагони ҷудогона дар бар гирад. Агар ин таъсирот тасодуфӣ не, балки чуқур фикр карда шуда, ба мақсад равона карда шавад, онҳо боз ҳам самараноктар мегарданд.

Хулоса, тарбия соҳаи мустақили раванди педагогӣ мебошад, ки бо мақсади ба манфиатҳои умумиинсонӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мутобиқсозии инкишофи шахсият бояд ҷараён гирад. Вай мантиқан ба методикаи мустақил ва тартиби муайян муҳтоҷ аст. Тамоми муҳите, ки хонандаро фаро гирифтааст ӯ бо он алоқа мекунад, яъне одамон, ашёҳо, ҳодисаҳои муҳит ба рафтори талабагон, ба симои маънавии онҳо таъсири бузург мерасонад. Дар хонандагон тарбия кардани чунин сифатҳо ба монанди ростгӯӣ, софдилӣ ва принсипнок будани онро санҷидан он қадар осон нест, зеро дар хусуси вуҷуд доштни ин сифатҳо на фақат чӣ будани ростгӯӣ, софдилӣ, принсипнок буданро фаҳмидани талабагон, балки пеш аз ҳама, доимо ва дар ҳар ҳолат ба ин хислатҳо малака доштани онҳо мушоҳида мешавад.

Ҳамин тавр, дар кори тарбияи хонандагон фаъолияти ҳамҷояву муташаккилонаи роҳбари синф ва волидайну аҳли ҷамоатчигӣ муҳим аст. Фақат фаъолияти тибқи нақшаи муайян ва мақсаднок тархрезишудаи ин се звенои раванди тарбия метавонад самараи дилхоҳ ба бор орад.

## АДАБИЁТ:


1. Абдуллоев, А.А. Дар тарбияи фарзанд ҷиддӣ бояд шуд/А.А.Абдуллоев// - Мактаби советӣ, №8.- 1983.- С.12-15.
2. Богданова О.С. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ/О.С.Богданова, Р.Л.Болотина.-Душанбе, 1978. -176 с.
3. Нуров, А. Ҳамкории падару модар бо муаллим/А.Нуров. - Душанбе. 1989. -72 с.
4. Нуров, А. Тарбияи хоксорӣ дар мактабиёни хурдсол/А.Нуров. - Душанбе, 1996.-60 с.
5. Раҳимов, Б. Тарбия намудани малака ва одатҳои маданӣ дар бачагони синни хурдсоли мактабӣ дар оила/Б.Раҳимов.-Душанбе, 1962. -68 с.

6. Сухомлинский, В.А. Педагогикаи падару модарон. Дар китоби Асарҳои мунтахаби педагогӣ/В.А.Сухомлинский.-Душанбе, 1988.-С.423-609.-Ҷ.3.

**REFERENCES:**

1. Abdulloev, A.A. You should be serious about raising a child / A.A. Abdulloev // Soviet School, No. 8.-1983.- P.12-15.
2. Bogdanova O.S. Methodology of educational work in primary grades / O.S. Bogdanova, R.L. Bolotina. - Dushanbe, 1978. -176 p.
3. Nurov, A. Cooperation of parents with teachers/A.Nurov. - Dushanbe. 1989. -72 p.
4. Nurov A. Education of modesty in young schoolchildren / A. Nurov. - Dushanbe, 1996. - 60 p.
5. Rakhimov, B.Education of cultural skills and habits in young schoolchildren in the family / B.Rakhimov. - Dushanbe, 1962. -68 p.
6. Sukhomlinsky, V.A. Pedagogy of parents. In the book Selected Pedagogical Works/V.A. Sukhomlinsky.-Dushanbe, 1988.-P.423-609.-Vol.3.